Тақризи

роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ).

Яке аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯзиши амиқу ҳаматарафаи таъсири ҷашну маросими милли ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар раванди таълиму тарбия ташкил медиҳад. Имрӯзҳо дар маҷмӯъ дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳое ба анҷом расонида мешавад, ки ба омӯзиши амиқу ҳаматарафаи таъсири ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон нигаронида шудаанд. Вобаста ба ин, тадқиқотҳои илмие, ки ба ҷашну маросими миллӣ ҳамчун таҷрибаи чандинасраи мардум бахшида шудаанд, актуалӣ гардида, дар раванди тарбияи ахлоқӣ васеъ истифода мешаванд ва ҳамчун сарвати маънавӣ аз насл ба насл ба мерос мегузаранд.

Вале бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз ҳам фазои ягонае, ки тарбияи ватандӯстии хонандагонро тавассути ҷашну маросими миллӣ фаро гирифта бошад, ба вуҷуд оварда нашудааст. Барои ташкили он бояд мо чунин низоми ақидаю муносибатҳоро ташкил намоем, ки қоида, низом ва пиринсипҳои асосии он барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот якхела бошад ва муттасил тарбияи насли наврасро таъмин намояд.

Тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути ҷашну маросими миллӣ як ҷузъи муҳимтарини тафаккури ҷамъиятӣ буда, дар рӯҳу ҳиссиёт ва арзёбии дастаҷаъмона нисбат ба халқи худ, тарзи ҳаёт, тарих, фарҳанг, давлат ва низоми арзишҳои бунёдӣ зоҳир мегардад.

Сайдамадзода Ҳусноро соли 2002 факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулло Рӯдакиро аз рӯйи

ихтисоси тарҷумон, муаллимаи забони англисӣ ва соли 2016 факултети омӯзгории ҳамин донишгоҳро аз рӯйи ихтисоси педагог- психологи томактабӣ хатм намудааст.

Аз соли 2020 то соли 2024 ба ҳайси унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул гардидааст. Айни замон дар вазифаи мудири ширхоргоҳ-кӯдакистони № 1- и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе шуда, кор карда истодааст.

Сайдамадзода Ҳусноро шахси баркамол, мустақил, меҳнатдӯст ва хоксор мебошад.

Корҳои илмии ӯ ба таҳлили сарчашмаҳои зиёд асос ёфтаанд. Ба қалами ӯ як қатор мақолаҳо оид ба проблемаҳои педагогикаи муосир, перомуни нақши ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад.

Корҳои илмии Сайдамадзода Ҳусноро бо номи – «Ҷойгоҳи ҷашни Меҳргон дар тамаддуни ориёӣ», «Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва эҳёи анъана ва ҷашну маросимҳои мардумӣ», «Эҳёи анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ - ҷузъи ҷудонашавандаи раванди тамаддунҳо», «Арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва ҷашну ойинҳои миллӣ дар паёмҳои Пешвои миллат», «Мақоми меҳварии занон дар тарбияи кӯдакони муассисаи таҳсилоти томактабӣ», «Нақши Пешвои миллат дар эҳёи худшиносӣ ва арзишҳои миллӣ», «Моҳияти сиёсии эҳёи анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ ҳамчун қисми ҷудонашаванда дар раванди тамаддунҳо» ва дигар интишор гардида, шаҳодат медиҳад, ки мавсуф ба масъалаҳое таваҷҷӯҳ намудааст, ки дар замони муосир актуалианд.

Муносибати ҷиддӣ ба кор, ҷустуҷӯи доимии илмӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки барои ҳалли масъалаҳои мураккаби консептуалӣ натиҷаҳои баланди илмӣ ба даст оварад.

Сайдамадзода Ҳусноро борҳо бо маърӯзаҳои илмӣ дар конфренсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ ва семенару мизҳои мудаввар иштирок намудааст.

Чунин мешуморам, ки рисолаи диссертатсионии Сайдамадзода Ҳусноро кори баанҷомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, муаллиф онро мустақилона дар дараҷаи баланди илмӣ таҳия намудааст.

Дисертатсияи мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисосӣ 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи психология ва
сотсиологияи идоракунии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол

20 - сентябри 2024.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734004,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи С. Носир 33;
Тел:(+992322)2-21-89-56.моб.+922818-50-63-24
Суроғаи элктронӣ: f.jumfkhon@mail.ru.

Имзои профессор Ҷ.Файзализодаро
тасдиқ менамоям: Сардори Раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.